МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№11 (88),
НОЯБРИ СОЛИ 2022
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Парчами миллӣ имрӯз чун рамзи давлатдории тоҷикон дар бинои тамоми идораҳои давлативу маъмурӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, иншооти варзиш, хуҷраҳои корӣ ва хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон насб гардида, мардуми моро дар ҷодаи сарсабзиву ободӣ ва зиндагии босаодат рӯҳу илҳом мебахшад.

Вобаста ба ин, хотирнишон месозам, ки ҳар яки мо ҳисси эҳтиром, ифтихор, муҳаббат ва садоқатро ба рамзҳои муқаддаси миллӣ бояд дар зеҳну шуури фарзандонамон аз синни кӯдакӣ тарбия намоем, зеро рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла парчам таҷассумгари гузаштаи пурифтихори таърихӣ ва оянда дурахшони халқамон мебошанд.

Мо вазифадорем, ки Парчами миллии худро ҳифз намоем, эҳтироми онро ҳамчун нишонаи давлатдории миллӣ, истиқлолу озодӣ ва арзиши бебаҳои миллӣ ба ҷо оварем.

Ҳамчунин, хотиррасон менамоям, ки Парчами миллӣ ҳамчун рамзи муқаддаси давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёри тоҷикон бояд нишони сарисинагии ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар ва бонангу номуси ҷомеа бошад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

# Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон - рамзи соҳибдавлатӣ

Иқдоми наҷибе, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба 24-уми ноябр эълон гардидани Рӯзи Парчами миллӣ пешниҳод шуд, шоистаи дастгирӣ буда, дорои аҳамияти сиёсиву таърихӣ мебошад. Ин ташаббус аз ҳар яки мо ҳисси баланди масъулият ва ҳимояи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллию ватандӯстиро талаб намуда, эҳтиромро ба арзишҳои олии давлату давлатдорӣ тақозо менамояд.

Моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки дар он тақдири оянда давлати миллии тоҷикон тарҳрезӣ гардида, ба сӯи ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ - сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ қадамҳои нахустин гузошта шуданд, дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба таъмини сарҷамъии мардум ва ҳифзи тамомияти арзии кишвари тозаистиқлол, инчунин рамзи нахустини давлати соҳибистиқлоламон - Парчам ва дертар Нишон қабул карда шуданд, ки имрӯз мо он лаҳзаҳои сарнавиштсози таърихиро бо ифтихор ба хотир меорем. Зеро он айём барои мо аввалин рӯзҳои эъмори сохти нави давлату давлатдорӣ ва ташаккули ҷомеаи озоди кишвар, яъне оғози марҳалаи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ ва муқаддаси халқи Тоҷикистон буданд.

Аз ин лиҳоз, ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, алалхусус кормандони мақомоти корҳои дохилиро зарур мебошад, ки ба моҳияту мазмуни сиёсӣ ва аҳамияти таърихиву муқаддас будани рамзҳои давлатӣ арҷгузорӣ намоянд. Дар ин маврид Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид қайд намудаанд, ки: "Эҳтиром ва арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла нисбати Парчам, арҷ гузоштан ба тамоми арзишҳои дирӯзу имрӯз ва фардои миллат аст".

*Давомаш дар саҳ.4*

Ҳеҷ чиз беҳ аз дили забон нест, агар пок бошанд ва ҳеҷ чиз бадтар аз онҳо нест, агар нопок бошанд.

Луқмони Ҳаким







# Шиносоӣ бо вазъи таълиму тарбия

Дар остонаи Иди касбии кормандони милитсия Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба Академия ташриф оварда, бо вазъи таълиму тарбия дар ин боргоҳи таълимӣ шинос шуда, дар назди ҳайати профессорону омӯзгорон ва курсантони он суханронӣ намуд.

Вазири корҳои дохилӣ ҳайати шахсии Академияро ба муносибати Рӯзи милитсия самимона табрику таҳният намуда, ба онҳо комёбиҳои нав ба нав таманно кард.

Зимни суханронӣ Вазири корҳои дохилӣ иброз дошт, ки бо талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии кишвари маҳбубамон беҳтар гашта, барои насли ҷавони мақомоти корҳои дохилӣ тамоми шароитҳои зарурӣ муҳайё шудаанд.

Мавсуф аз саҳми кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза алайҳи шаклҳои гуногуни ҷинояткорӣ ёдовар шуда, аз кормандон ҳушёрию зиракиро талаб намуд.

Дар хотима, ба ғолибони Озмуни ҷумҳуриявии фанни "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" тӯҳфаҳои арзишнок тақдим карда шуд.

Ҳамчунин, бо иштироки Вазири корҳои дохилӣ Осорхонаи Академия ифтитоҳ гардид.

*Н. Назарзода*

# Академия соҳиби осорхона шуд

Мафҳуми осорхона баёнгари таърих ва роҳи тайнамудаи ҳар як муассиса, корхона, ташкилот, иттиҳодия, хоҷагӣ ва билохира, шахсияти алоҳида мебошад. Маҳз дар ин махзан тамоми дастовард, роҳи тайнамуда, расму русум, осору фарҳанги ҳамон корхона ҷамъоварӣ карда шуда, маҳфуз нигоҳ дошта мешавад.

Аз оғози солҳои 70-уми асри гузашта шурӯъ намуда, ташкили осорхона барои Академия орзуи деринтизор буд. Гарчанде дар ин муассисаи таълимӣ дастовардҳои бузург ҷамъоварӣ шуда буданд, вале осорхона надошт, ки таърихи гузаштаву муосирашро расман муаррифӣ намояд.

Маҳз бо ташаббуси Вазири корҳои дохилӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, талошҳои пайвастаи ватандӯстонаи сардори ҷавону серғайрат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ билохира 9 ноябри соли 2022 осорхонаи Академия бо иштироки бевоситаи Вазири корҳои дохилӣ ифтитоҳ карда шуд. Ба маърази тамошобин гузоштани он яке аз дастовардҳои бузурги Академия дар соли 2022 ба шумор хоҳад рафт.





Шурӯъ аз моҳи июн то ба имрӯз тавассути ғамхориҳои ҳамешагии сардори Академия ва саҳми кормандон, олимону профессорони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маводҳои зиёде ҷамъоварӣ гардида, ба танзим даровада шуданд.

Имрӯз Осорхонаи Академия дар масоҳати 200 метри мураббаъ сохта ва ба истифода дода шуд. Осорхона аз 30 гӯша иборат буда, ҳама самтҳои фаъолияти таълимгоҳро инъикос менамояд. Аз ҷумла, осорхона аз гӯшаҳои зерин иборат аст:

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таъсиси таълимгоҳ; сохтори таълимгоҳ; биноҳои таълимгоҳ; сардорони Академияи ВКД; Гӯшаи Вазири корҳои дохилӣ; Гӯшаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; табрикотҳо вобаста ба ҷашнвораҳои таълимгоҳ; шогирдони таълимгоҳ, ки дар набардҳо ба ҳалокат расидаанд; силоҳ ва таҷҳизот; Вазирони корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Олимони Академияи ВКД; генералҳо-хатмкунандагони Академияи ВКД; собиқадорон, Профессорони фахрии Академия; дастовардҳои варзишӣ, таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ-методӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайраҳо.

Ҳамзамон, барои тамошо 11 маникен гузошта шудааст, ки дар онҳо либосҳои хизматӣ ва мавсимию идонаи кормандон ба таваҷҷуҳи тамошобин гузошта шудааст.

Дар маҷмӯъ, ашё-экспонатҳо, туҳфаҳои хотиравӣ, мусаввараву навиштаҷоту ҳуҷҷатҳо, расму нигораҳо ва ғайра инъикосгари давраҳои гуногуни таърихи гузаштаи дур ва муосири Ватанамон мебошад. Тавассути дидани экспонатҳо тамошобин ба давраҳои гуногуни солҳои 1850, оғози асри XX, солҳои аввали барпошавии ҳокимияти Шӯравӣ, солҳои 30-юми асри гузашта, давраҳои мушкили Ҷанги Бузурги Ватанӣ, солҳои 60-80-уми қарни сипаришуда, солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, эъмори давлати соҳибихтиёр, сиёсати берунаи давлат, рушду тавсеаи муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайра ошноӣ пайдо мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар муддати ба танзим даровардани осорхона бисёре аз кормандони таълимгоҳ ба мушкилиҳо нигоҳ накарда, саҳми шахсии худро гузоштанд, ки имрӯз роҳбарияти Академия ба онҳо сипоси хешро баён мекунад. Аз ҷумла, полковникҳои милитсия Носир Назарзода, Пӯлод Насуриён, Алиҷон Ализода, Абдуғафор Одиназода, Шавкат Убайдуллоев, Назар Самиев, Саид Саидзода, Суҳроб Маҳмадов, подполковникҳои милитсия Муҳаммад Саъдӣ, Бахтиёр Холов, Бахтиёр Самиъзода, майорҳои милитсия Нуруллои Меҳрулло, Фирӯз Шарофзода, Самеъҷон Одиназода, Обидҷон Ҳайдарзода ва дигарон.

Бояд иброз намуд, ки осорхона минбаъд ба як маркази ташвиқу тарғиб, намоиши дастовардҳо ба меҳмонони дохиливу хориҷӣ мубаддал хоҳад гашт.

*Ш. Убайдуллоев*

# Нақши Парчами давлатӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ

Санаи 22-юми ноябр, бо ибтикори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2 конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Нақши Парчами давлатӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ", бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии ҶумҳурииТоҷикистон баргузор гардид. Ҷамъомадро бо сухани муқаддимавӣ сардори Академия, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ифтитоҳ намуда, иштирокдорони чорабинӣ ва дар симои онҳо кулли кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ифтихори ин санаи таърихӣ табрику таҳният гуфта, ба онҳо рӯзгори босаодат ва сарбаландӣ таманно намуд.





Бояд қайд намуд, ки дар кори конфронс олимону муҳаққиқон ва омӯзгорон, аз ҷумла Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаву математика, профессор Фарҳод Раҳимӣ дар мавзӯи "Парчам - рамзи миллӣ ва давлатдорӣ", муовини директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияяи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Фозил Абдурашитов дар мавзӯи "Парчами миллӣ - рамзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1, д.и.ҳ. Назарзода Носир Ҷобир дар мавзӯи "Аз таърихи парчам ва парчамдории тоҷикон", дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2 полковники милитсия Бойзода Ҷамшед Ҷумъабой дар мавзӯи "Парчами давлатӣ - рамзи ифтихори миллӣ" ва дигарон бо маърӯзаҳои пурмазмун баромад намуданд.

Дар суханронӣ ва баромадҳои номбурдагон қайд гардид, ки парчам дар таърихи тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик мақоми арзандаро доро мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони миллати тоҷик аз ибтидои тамаддуни инсонӣ соҳиби рамз ва нишонаи миллӣ буданд, ки онро "Меҳроб" ё "Фарри Ориёӣ" меномиданд, ки ифодаи рамзи хуршед, покизагӣ, нишонаи абадият буда, ишораест ба чаҳор унсур - хок, об, оташ, ҳаво, ки асоси мавҷудияти оламро ташкил медиҳад.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва мутафаккири барҷаста Абурайҳони Берунӣ пайдоиши парчамро ба мубориза Коваи Оҳангар зидди зулму истибдод мансуб медонанд, ки парчами ӯ "Дирафши Ковиён" хонда шуд, ки аз се ранг: сурх, зарду бунафш иборат буд, ки имрӯз рамзҳои он дар Ливои (штандарти) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд.

Дар ин росто, дар асри XX, дар баробари Парчами давлати Шӯравӣ Парчами ҶШС Тоҷикистон низ парафшонӣ мекард, ки аз мавҷудияти давлати миллии тоҷикон шаҳодат медод. Дар асри гузашта зери ин парчам мардум ба сӯи корнамоиҳои бузург мерафтанд, миллионҳо фарзандони содиқи давлати Шӯравӣ ҷони худро барои ҳимояи Ватан зери муқаддастарин Парчами давлат нисор карданд.

Пошхӯрии давлати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои тобеи он боис шуд, ки ҳар давлати мустақили миллӣ парчами худро қабул кунад. Парчами давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол аввалин маротиба дар Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ноябри соли 1992 қабул карда шуд. Он яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.

Дар анҷоми кори конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, натиҷаи озмуни "Рефератҳои беҳтарин", ки ба 30-солагии қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2 дар байни факултетҳои Академия эълон шуда буд, ҷамъбаст гардида, аз номи сардори Академия 3 нафар курсантон, ки дар ин озмун ҷойҳои намоёнро ба даст овdefinitely, бо "Сипоснома" сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки натиҷаи кори конфронс дар шакли маводи чопӣ ба табъ расида, пешниҳодоти манзургардида бошанд, коркард шуда, дар шакли алоҳида ба шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр дастрас карда шаванд ва дар ҷараёни таълим аз онҳо ба таври васеъ истифода намоянд.

*Б. Самиъзода*

# Чорабинии тантанавӣ



Санаи 16-уми ноябр дар майдончаи сафороии Академия бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ баргузор гардид. Баъд аз хондани Суруди миллӣ сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар мавриди ин санаи муҳим баромад карда, тамоми ҳайати шахсии Академияро табрику муборакбод гуфта, ба онҳо дар иҷрои вазифаю уҳдадориҳои хизматӣ муваффақиятҳо таманно намуд.

Сипас, сухан ба доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, генерал-майори мустаъфии милитсия, сарходими илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҷидзода Зоир Ҷӯрахон дода шуд. Номбурда, ки чанд ҳайат вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, дар мавриди Рӯзи Президент ва 30-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон баромад карда, хизматҳои садоқатмандона, ватандӯстона ва ҷоннисоркунандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки барои кишвару зиндагии хуррамонаи мо шабурӯз талош варзидаанд, муфассал баён кард.

Дар қисмати дигари чорабинӣ, дар асоси Қарори Шӯрои олимони Академия, хизматҳои арзанда ва созандаи профессор, генерал-майори мустаъфии милитсия З.Ҷ.Маҷидзодаро ба инобат гирифта, ӯро ба унвони ифтихории "Профессори фахрии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз намуданд.

Бо гузашти тантанавии идонаи афсарону курсантони Академия дар майдони сафороӣ чорабинӣ анҷом пазируфт.

*С. Сафарзода*

# Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон - рамзи соҳибдавлатӣ

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Муқаддас будани Парчам дар он зоҳир мегардад, ки инсоният дар хар як давру замон Парчамро ҳамчун ливои озодӣ дар мубориза ба муқобили зулму истибдод, бахри таъмини ҳаёти осоишта баланд мебардошт.

Дигар хусусияти Парчам дар он зоҳир мегардад, ки дар зери ливои он афсарону кормандони мақомоти корҳои дохилӣ содиқона барои ҳимояи ватан, мубориза ба муқобили оламии ҷинояткорӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва содиқ будан ба Ватан дар назди миллату давлат савганд ёд мекунанд, ки бори дигар муқаддас будани Парчамро собит месозад.

Бинобар ин, мо бояд Парчамро ҳамчун муқаддасот, рамзи миллӣ ва нишонаи давлатдорӣ эҳтиром ва қадршиносӣ намоем, зеро Парчами давлатӣ моро барои ҳаёти осоиштаву сулҳу субот, меҳнати фидокоронаву поквиҷдонона бахри зиндагии арзандаву ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва соҳибдавлатӣ раҳнамой менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки Парчам дар таъриху тамаддуни миллати тоҷик мақоми шоистаро дорост ва пайдоиши он ҳамчун рамзи миллӣ ба оғози тамаддуни башарӣ рост меояд.

Парчами Тоҷикистон далел аз соҳибдавлатӣ ва оғози сиёсати ваҳдати миллӣ, ливои тантанаи сулҳу субот буда, хамзамон зери сояи муқаддасаш ин миллати куҳанбунёду фарҳангсоз тавонист ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшад.

Имрӯз ин Парчами муқаддас ливои сиёсати созандагиву бунёдкорӣ ва меҳнати фидокоронаи халқамон бахри шукуфоии Тоҷикистони биҳиштосо раҳнамо мебошад.

Парчамдориву парчамбардории халқи мо таърихи қадима дошта, аз аҳди бостон то имрӯз давраи тӯлониро тай намудааст. Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони мо аз ибтидои тамаддуни инсонӣ соҳиби рамз ва нишони миллӣ буданд. Вобаста ба парчамбардории давлатҳои абарқудрати ниёгони мо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки: "Ҳанӯз дар ливои Куруши Кабир тасвири уқоб, ки нишонаи қудрату тавоноист, нақш гардида буд, ки он парчам рамзи як давлати нерӯманди замона ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин метавон аз ливои Коваи Бузург ёдовар шуд, ки нишонаи равшани меросияти мубоpизаву ҷоннисориҳои ниёгони мо мебошад".

Дар зери Парчам мардуми ориёитабор на танҳо империяҳои абарқудратеро ба монанди Ҳахоманишиёну Ашкониён ва Сосониёну Сомониён ба вуҷуд оварда, низоми тавонманди идоракунии давлатиро созмон доданд, ҳамчунин аввалин ҳуҷҷати ҳуқуқи инсон аҳли башар, ки дар таърих бо номи "Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир" маълум аст, ба оламиён муаррифӣ намуданд.

Дар асри XX, дар баробари Парчами давлати Шӯравӣ Парчами ҶШС Тоҷикистон низ парафшонӣ мекард, ки аз мавҷудияти давлати миллии тоҷикон шаҳодат медод. Дар асри гузашта зери ин парчам мардум ба сӯи корнамоиҳои бузург мерафтанд, миллионҳо фарзандони содиқи давлати Шӯравӣ ҷони худро барои ҳимояи Ватан зери муқаддастарин парчами давлат нисор карданд.

Дар таърихи 29-уми октябри соли 2009 дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба таҷлили 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми наҷибе пешниҳод гардид, ки 24-уми ноябр рӯзи Парчами миллӣ эълон карда шавад ва ин сана ҳамасола ҳамчун Рӯзи Парчами миллӣ ҷашн гирифта шавад. Бо мақсади амалӣ намудани асоси ҳуқуқӣ бахшидан 3-юми ноябр ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" аз ҷониби Президенти мамлакат пешниҳод гардид ва 19-уми ноябри ҳамон сол парлумони кишвар онро тасдиқ кард.

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба асоси давлатдории навин замина гузошт, балки рамзи асосии давлати куҳанбунёду тозаистиқлоли тоҷиконро дар таърихи 24-уми ноябри соли 1992 қабул намуд.

Маҷмӯи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, инҳо мебошанд:

Тибқи моддаи 18 Эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон, ки 24-уми августи соли 1990 қабул гардидааст, "Рамзҳои соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ - муқаддас буда, дахлнопазирии онҳо аз тарафи қонун ҳимоя карда мешаванд".

Моддаи 3-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бошад, рамзҳои давлатиро мустаҳкам менамояд, ки дар он гуфта шудааст: "Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошанд".

Парчами давлатӣ тамоми сокинони кишварро ба ифтихор аз давлату давлатдорӣ, таҳкими истиқлолияти миллӣ, ҳифзи дастовардҳои он роҳнамо мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 12-уми майи соли 2007, таҳти №254 қабул карда шуд, ки қонуни мазкур моҳият, тартиби истифодаи расмӣ ва эҳтироми волои Парчам, Нишон ва Суруди миллиро мустаҳкам намудааст.

Ҳамзамон, дар қонунгузории ҷумҳурӣ нисбати таҳқир намудани рамзҳои давлатӣ ҷавобгарӣ низ муайян шудааст, аз ҷумла барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми набудани аломати ҷиноят дар моддаи 4831 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008, таҳти №455 ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муайян намуда, дар моддаи 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998 бошад, барои таҳқир кардани рамзҳои давлатӣ, ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба мухлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати то як сол ҷазо муайян шудааст.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба Парчами давлатӣ бахшида шудааст, ин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар хусуси тасдиқи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 14-уми марти соли 2007, таҳти №499 мебошад, ки ба тасвири Парчам бахшида шудааст. Тибқи қонуни мазкур, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тасвири зайл тасдиқ карда шудааст: "Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон матои росткунҷа буда, дар рӯи он се рахи рангаи ба таври уфуқӣ ҷойгирифта кашида шудааст, ки рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он ба рахи сабзи поён баробар аст, рахи сафеди мобайн якуним баробари паҳнои яке аз раҳҳои ранга мебошад. Дар рӯи рахи сафед, аз ҷойи ҷӯбдасти дар мобайни Парчам бо зарҳал рамзи тоҷи тансиқшуда ва дар болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст. Таносуби бару дарозии умумии Парчам 1 бар 2 аст".

30-юми декабри соли 2011 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Тартиби тайёр кардани Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуд, ки тибқи қарори мазкур, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз андозаи он, тибқи талаботе, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми марти соли 2007, таҳти №499 "Дар бораи тасдиқ намудани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ шудааст, тайёр карда мешавад.

Охирин санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" мебошад, ки дар муқаррароти моддаи 1-уми он чунин омадааст: "Ба банди 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" аз 14-уми октябри соли 2009 сархати чилу чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад: "Рӯзи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон - 24-уми ноябр".

Дар охир мехостам аз суханҳои пурмуҳтавои Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шавам, ки чунин фармудаанд: "…итминони комил дорам, ки Парчами давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун таҷассуми умеду орзуҳои мо ҳамеша парафшон хоҳад буд ва зери сояи он мо дар роҳи ободии Ватани азизамон ба дастовардҳои рӯзафзун ноил хоҳем шуд".

Иди Парчам муборак!

*Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ,*
*сардори Академия,*
*генерал-майори милитсия,*
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*

# Қадри зар заргар бидонад

Ҳамасола гузаронидани рӯзҳои ҷашн дар Академия шаклу шукӯҳи тоза ба бар карда, сол то сол гуногунмазмуну пурмуҳтаво мегарданд. Имсол низ рангоранг буд. Сардори Академия, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ зимни як ҷорабинӣ ҳозиринро бо Рӯзи милитсия табрик гуфта, ба онҳо сиҳатмандию комёбиҳо таманно намуд.

Баъдан, чанд тан омӯзгорони Академия баромад карда, заҳмату ранҷи шабонарӯзии кормандон ва фаъолияти самараноки ин ниҳоди давлатиро баёну тавсиф намуданд.

Бо эълон намудани фармоишҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 нафар кормандони Академия ба рутбаҳои "полковники милитсия" ва "подполковники милитсия" сазовор гаштанд.



Сипас, бо дигар фармоишҳои ВКД подполковники милитсия Рузихонзода Санавбар Рузихон бо медали "Барои хизмати шоён" дарачаи 3 ва полковники милитсия Муҳиттдинзода Нуриддин Муҳитдин бо "Ифтихорномаи фахрӣ" бахшида ба Рӯзи милитсия қадрдонӣ шуданд.

Тибқи дигар фармоишҳои Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чанде аз кормандон бо рутбаҳои "лейтенанти хурди милитсия", "лейтенанти милитсия", "лейтенанти калони милитсия" ва "капитани милитсия"сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла, Анварзода Адолат Анвар - сардори кабинети кафедраи фанҳои ҳуқуқи гражданини факултети №2, Иброҳимзода Диловари Қурбонбек - муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2, Раҳимзода Абдуҷалил Раҳим - муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2, Ҳайдарзода Обидҷон Ҳайдар - нозир оид ба речаи махфии котиботи Академия ва Расулзода Маҳмадсаид Бобо - сардори кабинети кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникии факултети №3.

Дар идомаи ҷорабинӣ, дар асоси фармоиши сардори Академия, 61 нафар курсантони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо рутбаҳои "сержанти милитсия" ва "сержанти хурди милитсия", 24 нафар курсантон бо "Раҳматнома" бахшида ба Рӯзи милитсия қадрдонӣ гардиданд.

Инчунин, барои хизматҳои тӯлонӣ ва бенуқсон дар мақомоти корҳои дохилӣ, саҳми арзанда гузоштан дар таълиму тарбияи кормандони ҷавон, ҳамзамон ба муносибати Рӯзи милитсия, ба собиқадорони Академия Муминшо Салихов, Мурод Ғуломов, Салим Шонкиев, Аскандарбек Раҳмонов, Мирзоалӣ Сангов, Шаҳобиддин Аъзамов, Ҷумахон Сафолов, Ҷалмад Шамсимад, Бобохон Ҷобиров ва Асадулло Шарипов кумакҳои моддӣ расонида шуд.

Дар ин рӯз, ҳамзамон полковники милитсия Хушвахтзода Бибихол Ғафур аз ҷониби роҳбарият ва коллектив ботантана ба нафақа гусел карда шуд.

Баромади дастаи ҳунарии таълимгоҳ, ки дар интиҳои ҷорабинии идона сурат гирифт, маҳфилро пурмазмун сохт.

*У. Олим,*
*Ш. Убайдуллоев*

Зан мумкин аст баъзе вақт ба айби худ иқрор шавад, вале ман ягон занеро намедонам, ки ба заифии худ иқрор шуда бошад.

Бернард Шоу

# Мулоқоти хотирмон

Рӯзи 14-уми ноябр дар маҷлисгоҳи Академия мулоқоти ҳайати шахсӣ бо генерал-майори мустаъфии политсияи ВКД Федератсияи Руссия Нумонов Хуршед Ишонқулович, ки барои дидорбинӣ ба назди пайвандону наздиконаш ба Тоҷикистон омада буд, баргузор гардид.

Меҳмони олиқадрро сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бо истиқболи гарм намуд. Баъд аз тамошои ҳудуд, синфхонаю толорҳои ҳозиразамон ва осорхонаи Академия дар толор вохӯрии хотирмон доир гашт.

Дар баромадаш ба истиқболи меҳмон сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ қайд кард, ки: "Муҳтарам ҳозирин, меҳмони гиромиқадр, ҳайати профессорону омӯзгорони Академия, имрӯз дар меҳмонии мо, Нумонов Хуршед Ишонқулович - генерал-майори политсия дар истеъфои Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Руссия, собиқ корманди мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои тӯлонӣ кору фаъолият намуда, айни замон



дар нафақа қарор доранд, ба ҳузури мо ташриф овардаанд.

Хуршед Ишонқулович, бори дигар хуш омадед ба Ватан!

Ба саъми ҳозирин мерасонам, ки Хуршед Ишонқулович ба ватани аҷдодии хеш барои дидорбинӣ бо хешу наздикон, дӯстону ҳамкорон, зиёрати оромгоҳи гузаштагон омаданд ва ҳамзамон, даъвати моро ҷиҳати суҳбат намудан бо ҳайати профессорону омӯзгорон қабул намуда, вақти пурқимати худро дареғ надоштанд ва имрӯз назди мо омаданд.

Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки Хуршед Ишонқулович на танҳо дар ҷумҳурии мо, балки берун аз он низ пазируфта шудаанд ва ҳамчун нафари ғамхори миллат ёрии хешро ба наслҳои ҷавон дареғ намедоранд.

Тавре ки мо огоҳӣ дорем, ҳангоми ба сифати профессор фаъолият намуданаш дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Руссия, Хуршед Ишонқулович фиристодагони мо - устодони Академияро, ки дар таҳсил қарор доштанд, дастгирӣ менамуданд ва ҳамчун устоди ғамхор роҳбаладӣ карда, тавсияҳои муфид ва саривақтиро ба адъюнктон-ҳамватанон дареғ намедоштанд, ки ин гуфтаҳо сирф ба фарзандони бонангу номуси Ватан хос аст.

Дар бораи Хуршед Ишонқулович суханҳо зиёд ҳастанд ва мо ин имкониятро ба эшон медиҳем. Аз ин дидорбинӣ ва суҳбати ташкилшуда Хуршед Ишонқулович мо ҳам хурсандем ва миннатдории хешро бори дигар мерасонем".

Меҳмони олиқадр ба ҳозирин рӯ оварда, бори дигар муфассалтар ҳаёту фаъолияташро ба хотир овард ва аз фаъолиятҳои хизматӣ, корӣ, иштирокаш дар амалиётҳои махсус ҳангоми ифои хизмат дар Ҷумҳурии Афғонистон, сафарҳои хизматиаш дар ҳудуди Федератсияи Руссия нақлҳои ҷолиб намуд.

Генерал-майори мустаъфии политсияи ВКД Федератсияи Руссия Нумонов Хуршед Ишонқулович, хусусан ба насли навраси дар толор ҳузурдошта таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бисёр панду насиҳатҳои аз падари шодравонаш, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон Нӯъмонов Ишонқул Усмонович, ки қиблагоҳаш солҳои тӯлонӣ сарварии Институти химияи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ухда дошт, ёдовар шуд.

Таъкидҳои падарашро дар ҳама ҷое, ки буд, асло фаромӯш намекард. "Писарам! Дар куҷое, ки фаъолият намебарӣ, фарҳангу забони аҷдодиатро асло фаромӯш макун! Ва дар ҳама ҷо садоқатмандона меҳнат карда, бо ивази заҳмату ранҷат ба мартабаҳо ноил шав, - мегуфт падараш. Ва дар ҳама нукот фаромӯш накун, ки ту кӣ ҳастӣ!

Маҳз, ҳамин буд, ки Нумонов Хуршед Ишонқулович дар тамоми ҷойҳои хизматаш сарбаландона вазифаҳояшро ба иҷро расонида соҳиби мукофотҳо гаштааст. Ва албатта хизматҳои ин шахсият дар хориҷ номи миллату Ватани моро низ боло бурдааст.

Хуршед Нумонов аз тоифаи аҳли зиёиёни тоҷик Фотеҳ Ниёзӣ, Толиб Шаҳидӣ ва дигарон буда, аз авлодаш ягона шахсест, ки хизмат дар сафи милитсияву политсияро пешаи худ карда, аз ин интихобаш пушаймон ҳам нест!

Мо низ аз ҳамаи ҳамватаноне, ки дар хориҷ буда, ба мартабаҳои баланд мерасанду бо Ватан ҳастанд ва дар ободии ин Ватан ҳамшариканд ҳамеша ифтихор дорему ифтихор мекунем!

Муваффақиятҳо ҳамеша ҳамсафаратон бод Нумонов Хуршед Ишонқулович!

***Б. Асламов***

# Лексияи назариявии онлайнӣ

Дар ҷодаи ҳамкориҳои дуҷониба, инчунин мувофиқи банди 2 Протокол оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фаъолияти илмӣ байни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Барнаул аз 24 апрели соли 2018 ва банди 4 Барномаи кории мақсаднок барои соли 2022, рӯзи 17-уми ноябри соли равон дарси назариявӣ (лексия) дар мавзӯи "Шартҳои асосии пешбурди тафтиши пешакӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Общие условия предварительного расследования по УПК Республики Таджикистан) барои курсантони курсҳои 4 ва 5 Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Руссия дар шаҳри Барнаул баргузор гардид.

Бояд зикр намуд, ки гузаронидани чунин чорабинӣ дар Академия аз номи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, инчунин сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ пурра ҷонибдорӣ гардидааст.

Лектор - сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Анвар Арипов буда, мақсади дарс - пайдо намудани тасаввурот дар бораи шартҳои асосии тафтиши пешакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Миқдори дарси назариявӣ аз 80 дақиқа иборат буда, дар он масъалаҳои гуногун вобаста ба мавзӯи лексия баррасӣ гардиданд, аз ҷумла оид ба пешбурди ҳатмии тафтиши пешакӣ, тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ, оғози пешбурди тафтиши пешакӣ ва анҷоми он, мӯҳлати пешбурд ва ғайра. Ҳамчунин, аз тарафи курсантон ва профессорону омӯзгорони Донишкадаи Барнаул ба лектор саволҳо оид ба мақомоти тафтиши пешакӣ, барқарор намудани парвандаи ҷиноятӣ, ваколатҳои прокурор ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, нақши суд/судя дар тафтиш, инчунин риоя намудани принсипи қонуният ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар рафти тафтиши пешакӣ ва масъалаҳои парвандаи ҷиноятии электронӣ



ва нақши IT-технологияҳо дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.

***Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр***

# Ба Ватан содиқона хизмат мекунем!

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ба масъалаи нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва рушди истеҳсолот диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Қайд гардид, ки нақши ҷавонони даврони Истиқлол дар таҳсил, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар самтҳо




боиси ифтихор мебошад. Имрӯз ҳис карда мешавад, ки ҷавонон аз уҳдаи ҳама кору вазифае, ки дар наздашон гузошта шудааст, ба хубӣ мебароянд ва ин нукта дар Паёми Пешвои миллат таъкид гардид. Ин боварии Сарвари давлат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҷавонон то дараҷае арзандаи замонанд.

Ман ҳангоми мактабхониам ба намуди варзишҳои ҷопонӣ, аз ҷумла каратэ шавқ доштам ва ба тамрин мерафтам. Дар чандин мусобиқаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардида, сазовори медалҳои тиллову нуқра шудам. Шавқам, ки ба варзиш зиёд буд, баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Ёвон ба Академияи ВКД дохил шудам. Ҳоло курсанти курси 4-уми факултети №2 мебошам. Дар соли дуюми хониш аз ҷониби сардори Академия, д.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ба он мушарраф шудам, ки ба ман барои хониши хубу аъло рутбаи "сержанти хурди милитсия" ва чандин Раҳматномаю Ифтихорномаҳо тақдим карда шуд.

Ин маро водор мекунад, ки боз ҳам дар хондану рафтор намуна бошам. Зеро Пешвои миллат дар ҳама суҳбату вохӯриҳояшон бо сокинони ҷумҳурӣ дар бораи ҷавонон бо таваҷҷуҳи хоса сухан мегӯянд. Мо- ҷавонони даврони соҳибистиқлолӣ, бояд ба ин ғамхориҳои Сарвари давлат бо ҳисси ватандӯстӣ, дониши хубу аъло, рафтору гуфтори нек ҷавоб гардонем. Бо боввариву сарфарозӣ мебояд гуфт, ки чунин имконият ва бахти баланд ҷавондухтаронро маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ насиб гардидааст.

***Олуфтамоҳ Ҳасенова,***
***курсанти курси 4 факултети №2,***
***сержанти хурди милитсия***

Издивоҷ наметавонад хушбахтӣ орад, агар ҳамсарон то пайвастан ба якдигар комилан аз хусусият, одат ва табиати ҳамдигар огоҳ нашуда бошанд.

Оноре де Балзак



# Ҳамкорӣ бо волидони курсантон тақвият меёбад





Дар доираи татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", "Дар бораи милитсия", Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, инчунин ҷиҳати амалигардонии дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ санаи 1-уми ноябр вохӯрии роҳбарияти Академия бо волидони курсантони курси 5 факултети №2 баргузор гардид.

Ҷаласаро муовини аввали сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Насуриён Пӯлод Аасадулло оғоз бахшида, зикр намуд, ки баланд бардоштани савияи дониши курсантону шунавандагон пайваста зери назари роҳбарияти олии кишвар қарор дорад. Таъкид карда шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромадҳояшон иброз медоранд, ки ояндаи миллат ва фардои давлат ба наслҳои ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус, дорои ҳисси баланди миллӣ, соҳибмаърифату донишманд, забондон ва дорои ҷаҳонбинии васеъ вобастагии мустаҳкам дорад. Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки баҳри рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани савияи дониши курсантон кӯшиш ба харҷ диҳем.

Бояд таъкид намуд, ки амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи маориф ва омода намудани мутахассисони баландихтисос бе иштироки фаъолонаи Академия ва падару модарон ва ё намояндаи қонунии курсантон ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, роҳбарияти Академия ба шумо - ҳозирини гиромӣ муроҷиат намуда, даъват ба амал меорад, ки бо роҳбарияти факултет, куратори гурӯҳҳои таълимӣ ва курси воҳиди таълимӣ-низомӣ пайваста дар тамос шуда, аз рафти иштирок ва давомоти фарзандонатон бохабар гардед.

Дар идомаи вохӯрӣ аз ҷониби сардори факултети №2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия Мансурзода Амиршо Мансур оид ба давомоти курсантони курси 5 факултети №2 ба саъми волидон маълумот расонида шуд. Инчунин, таъкид карда шуд, ки бо супориши сардори Академия айни ҳол аз ҷониби кураторони гурӯҳҳои таълимӣ дар шабакаи иҷтимоии "Вотсап" гурӯҳ ташкил карда шудааст, ки пайваста ба он маълумот оид ба давомоти курсантони гурӯҳ ирсол карда мешавад. Падару модарон метавонанд аз он истифода намуда, аз давомоти фарзандони худ бохабар гарданд. Аз ин лиҳоз падару модарон фаъолона бояд ба ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ пайваст шаванд ва ё ҳангоми надоштани имконият дар самти истифодабарии телефонҳои имконияташон васеъ тариқи занг задан маълумоти заруриро дар дилхоҳ маврид дастрас намоянд.

Дар идомаи ин ҷамъомад, баъзе падару модарони курсантон ба сухан баромада, саволҳо пешниҳод намуданд ва ба роҳбарияти Академия барои таълиму тарбияи фарзандонашон ва ташкили ин гуна вохӯриҳо изҳори миннатдорӣ намуданд.

Дар охири ҷорабинӣ ба волидоне, ки фарзандонашон бо баҳои хубу аъло дар Академия таҳсил намуда, дар ҷорабиниҳои сатҳи гуногун фаъолона ширкат меварзанд ,аз ҷониби роҳбарияти Академия "Сипоснома" тақдим карда шуд.

*С. Сафарзода*




# Курсанти Академия ғолиби озмуни ҷумҳуриявӣ гардид

Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даври ҷамъбастии озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" баргузор гардид, ки дар ҷамъбасти он Худойдод Абдуҷабборзода - курсанти курси якуми факултети №2 дар "Номинатсияи сарояндагӣ" сазовори ҷойи дуюм ва барандаи озмуни мазкур гардида, бо имзои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба "Диплом" мушарраф гардид.

Роҳбарият ва ҳайати шахсии Академия Худойдод Абдуҷабборзодаро бо ин дастоварди муҳим табрику муборакбод гуфта, ба ӯ дар ин ҷода комёбиҳои нав ба нави эҷодӣ орзуманд мебошанд.

*У. Олим*

# Вусъати ҳамкориҳои босамар бо Маҷлиси намояндагон



Дар доираи равобити муҳими фаъолияти Академия, ба роҳ мондани ҳамкориҳои босамар бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосӣ махсуб меёбад. Омӯзгорони Академия дар такмили қонунгузорӣ саҳм гузошта, намояндагони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар навбати худ дар раванди таълиму тарбия ва корҳои илмӣ дар Академияи ВКД пайваста саҳми арзанда мегузоранд.

Яке аз ин чеҳраҳои кордону шинохта - намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники мустаъфӣ Раҷабзода Равшан Муҳитдин мебошад. Номбурда ба серкории худ нигоҳ накарда, дар факултети №1 ба шунавандагон оид ба масоили мукаммалгардонии қонунгузорӣ ва фанни таълимии "Системаи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ" дар сатҳи баланди методӣ дарс мегӯяд.

Раҷабзода Равшан Муҳитдин фаъолияти меҳнатиро соли 1984 баъди хатми мактаби миёнаи №4 дар Комбинати консервабарории шаҳри Конибодом ба ҳайси коргар оғоз кардааст. Солҳои 1985-1987 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Челябинск ва дар Ҷумҳурии Демократии Германия хизмат намуда, соли 1987 ба факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1992 бо муваффақият хатм намуд. Аз моҳи августи ҳамон сол то августи соли 1993 дар кафедраи "Назария, таърихи давлат ва ҳуқуқ"-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба ҳайси ассистент фаъолият намудааст. Фаъолияти минбаъдаи омӯзгориву илмии ин марди донишманд ва мураббии ҷавонон бо Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайванд гардид. Ӯ рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Проблемаҳои ташаккулёбии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ" ҳимоя намуда, ба дарёфти унвони номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мушарраф гардид. Дар мавзӯи "Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ" рисолаи докторӣ дар риштаи илми ҳуқуқ ҳимоя намуд. Муаллифи беш аз 50 асару мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла ду монография, ду курси мухтасари лексияҳо, зиёда аз даҳ китобу воситаҳои таълимӣ мебошад. Бо кӯшишу эҳтимоми ӯ чандин барномаҳои таълимӣ ва методӣ омода гаштаанд, ки чун роҳнамо барои донишҷӯён ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Вай мутахассиси шинохтаи соҳаи назарияи масъалаҳои давлат ва ҳуқуқ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ИДМ, олими барҷастаи мактаби ҳуқуқшиносии кишвар, ҳамзамон бо таҳияи чандин лоиҳаҳои қонунҳо ва асосноккунии илмии онҳо ба инкишофи давлат ва такмили соҳаи ҳуқуқи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудааст.



Барои хизматҳои шоён ва дастовардҳо дар кори илмию омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас Раҷабзода Равшан Муҳитдин бо медали "Барои хизматҳои шоён" ва як қатор "Ифтихорнома"-ҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳои ҷумҳурӣ сарфароз гардонида шудааст. Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

1-уми марти соли 2020 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд. Айни ҳол ӯ дар вазифаи раиси Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти босамар дорад.

Роҳбарияти Академия барои ҳамкории судманд ба Раҷабзода Равшан Муҳитдин изҳори миннатдорӣ намуда, дар корҳои эҷодии қонунгузорӣ ва таълиму тарбияи насли ҷавони мақомоти корҳои дохилӣ дар руҳияи ватандӯстӣ ба ӯ комёбиҳои нав ба нав таманно дорад.

***Б. Асламов***

# ПАРЧАМ - ифодакунандаи мақсаду мароми миллат

24-уми ноябри соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон расман соҳиби Парчами давлатӣ гардид. Соли 2009 бо ташаббуси Президенти мамлакат ин санаи муборак ҳамчун Рӯзи Парчами давлатӣ эълон шуда, мардуми мо ҳамасола ин рӯзи таърихиро дар саросари кишвар ҷашн мегиранд.

Гузаштагони мо низ Парчамро василаи асосии мавҷудият ва шинохти аслии хеш медонистанд. Пораи пӯсте, ки Коваи оҳангар ба сифати Парчам истифода карда буд, далели ин андеша аст.

Дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути парчам муаррифӣ мегардад. Қадршиносӣ аз Парчами давлатӣ арҷгузориву ифтихор аз давлат, аз гузаштаи худ ва ғамхорӣ ба фардо буда, он яке аз омилҳои муҳими худшиносӣ махсуб меёбад. Бо дидани парчам ифтихори



ватандорӣ ва эҳсоси масъулияти ҳар як шаҳрванд дар назди миллати хеш боло мегардад. Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи ҳаёти осоишта, ваҳдати миллӣ, шукуфоии кишвар, истиқлолияти комил ва умед ба фардои нек мебошад.

Парчами давлатӣ ба оламиён аз мавҷудияти миллати соҳибтамаддуни тоҷик ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, яъне Тоҷикистони соҳибистиқлол паём мерасонад, ки он фахри ҳар як сокини ҷумҳуриамон мебошад.

Дар ҳама давру замонҳо парчам ҳамчун рамзи давлат, миллати муайян ва ғуруру ифтихор аз даст ба даст мегузашт. Дар зери парчам ҳамчун нишони муттаҳидӣ, озодӣ ва истиқлол сипаҳсолорон лашкарро роҳбарӣ мекарданд. Ба ҳайси сарлашкар хизматчии далеру шуҷоъ ва танумандро ҷасурро интихоб мекарданд, ки ӯро маъмулан парчамбардор ҳам мегуфтанд. Иҷрои ин вазифаи ифтихорӣ ва масъул танҳо ба шахсони далеру ватандӯст бовар карда мешуд. Ҳар як ҷузъу томи артиш, лашкар, агар ба забони имрӯза гӯем - қисми ҳарбӣ, парчами худро дошт ва ҳоло низ ҳамин тавр аст. Ҳангоми амалиёти ҳарбӣ парчам чун рамз ва нишони озодӣ, далерӣ, нангу номус ва шараф ҳифз ва эҳтиёт карда мешуд. Агар лашкар дар муҳориба шикаст хӯрад ва ё парчами худро аз даст диҳад, ин чун нишони нанговару шармовар ҳисоб ёфта, он қисми ҳарбӣ пароканда ва сарбозонаш ба қисмҳои дигар интиқол дода мешуданд.

Дар Академияи ВКД низ ҳамарӯза зери Парчами миллӣ курсантон саф кашида, ботантана Суруди миллиро мехонанд, сипас машғули дарсомӯзӣ мешаванд. Дар назди Парчами давлатӣ Савганди садоқат ба Ватан ёд мекунанд. Мукофоту Ифтихорномаҳо дар зери Ливои Ватан супорида мешавад, ки ин рамзи эҳтиром ва рӯҳбаландии насли ҷавони милитсия мебошад.

Чун ба Парчами миллии давлатамон назар меафканем, пешорӯи мо аҷдодони бонангу номуси халқамон намудор мегарданд ва моро ҳидоят ба эҳтирому пос доштани анъанаи ниёгон мекунанд.

***Заринзода Баҳром Саидҷаъфар, курсанти курси 2 факултети №2, сержанти хурди милитсия***

# Ҷанбаи гуманитарии таърихнигории тадқиқотҳои илмӣ дар Академия

*(Идома аз шумораи гузашта)*

## Риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Собиқ муовини сардори Академия оид ба илм ва ҳоло сардори факултети №1 Саидзода З.А. соли 2006 рисолаи номзадиашро дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар мавзӯи "Хусусиятҳои таърихии таъсири меъёрҳои шариат дар аморати Бухоро (1868-1920)" ҳимоя намудааст. Муаллифи зиёда аз 80 мақолаю асарҳои илмӣ-методӣ мебошад, ки аз онҳо: 2 монография, 7 дастури таълимӣ-методӣ ва зиёда аз 70 мақолаи илмӣ доир ба проблемаҳои такмили ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, аз ҷумла ҳуқуқи исломӣ, амалигардонӣ ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Собиқ сардори факултети №6 Нозирӣ Н.А. дар мавзӯи "Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар истеҳсолоти тосудӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ"-дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ соли 2006 рисолаашро ҳимоя кардааст.

Собиқ сардори факултети №2 дотсент Сафарзода Ҳ.С. дар мавзӯи "Терроризм: проблемаҳои мустаҳкамкунии қонунгузорӣ ва таснифот (аз рӯи маводҳои ҶТ ва ИДМ)" соли 2006 дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ рисолаи илмиашро ҳимоя намудааст.

Собиқ сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқи граждании Хайруллоев Ф.С. дар мавзӯи "Принсипи адолатнокӣ дар ҳуқуқи ислом" соли 2007 рисола ҳимоя кардааст.

Сардори Коллеҷи милитсияи ВКД Умари Хайём соли 2008 рисолаи хешро дар мавзӯи "Муқовимат ба коррупсия дар ҶТ"ҳимоя намуда, давоми солҳои гуногун дар вазифаи сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология ва сардори факултети №3-юми Академия фаъолият намудааст.

Сардори факултети №3 Одиназода А.Ш. соли 2008 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ (дар мисоли ҶТ)" дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳимоя намудааст.

Собиқ сардори шуъбаи таълими Академия Отабоева Л.О. соли 2008 дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва озодиҳои занон дар доираи оммавӣ-маишӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологӣ (аз рӯи маводҳои ҶТ)" ҳимоя намудааст.

Муовини аввали сардори Акдемия Насуриён П.А. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Оқибатҳои криминологии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва пешгирии он (аз рӯи маводҳои ҶТ)" соли 2008 ҳимоя кардааст.

Сардори Академия, генерал-майори милитсия, дотсент Шарифзода Ф.Р. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Ташкил ва асосҳои ҳуқуқии таъминоти иттилоотии ҶТ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи тартиботи ҳуқуқӣ", соли 2009 дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳимоя намудааст.

Муовини сардори Академия Ализода А.Ш. рисолаи илмии худро дар мавзӯи "Масъулияти ҷиноятӣ барои одамрабоӣ ва гаравгонгирӣ аз рӯи маводҳои ҶТ" соли 2010 дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳимоя кардааст.

Сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ Арипов А.Л. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Фаъолияти муфаттиш оид ба ҷамъоварӣ ва тафтиши исботкунӣ дар тафтишоти пешакӣ (аз рӯи қонунгузории ҶТ)" соли 2011 дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳимоя намудааст.

Котиби Шӯрои олимони Академия Абдурашидзода А.А. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Ҷазо аз рӯи қонунгузории ҷиноятии ҶТ (таҳаввулот ва ҳолати муосир)" соли 2011 дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳимоя кардааст.

Ҳусейнзода С.Ҳ. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар шароити ҶТ" соли 2012 дар риштаи илмҳои



ҳуқуқшиносӣ ҳимоя карда, айни ҳол дар вазифаи сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 фаъолият дорад.

Муовини сардори Академия оид ба илм, дотсент, подполковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Таъқиби ҷиноятӣ дар истеҳсолоти тосудӣ аз рӯи қонунгузории ҷиноятӣ-мурофиавии ҶТ" дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ соли 2013 ҳимоя намудааст. Мавсуф аъзои ҳайати таҳририяи маҷаллаҳои илмии "НаркоФронт" (2017), "Правовые исследования" (2017) ва "Юридический вестник" (2020) аст. Номбурда муаллифи 135 мақолаи илмӣ, 16 тадқиқоти монографӣ, 8 нашри таълимӣ, 4 китоби дарсӣ, 2 курси лексияҳо, 2 воситаи таълимӣ, 13 дигар нашрҳо, 2 шарҳи илмӣ-таҳлилӣ, 4 воситаи илмӣ-амалӣ, 1 воситаи илмӣ, 6 тавсия, маҷмӯаҳо ва таҳлилҳо мебошад.

Сардори факултети №4 Ғафурӣ М.С. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Масъулияти конститутсионӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҶТ" дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ соли 2013 ҳимоя кардааст.

Сардори факултети №6 Амруддинзода М.А. соли 2015 рисолаи илмии худро дар мавзӯи "Асосҳои ҳуқуқӣ-ташкилии МКД бо институти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҶТ дар доираи муқовимат ба нашъамандии аҳолӣ" дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳимоя намуд.

Сардори факултети №2 Мансурзода А.М. соли 2011 ба факултети омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Академияи идоракунии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Руссия дохил шуда, онро бомуваффақият соли 2015 хатм намуд. Баъд аз хатми факултети номбурда, санаи 22-юми январи соли 2015 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Эволюция правового статуса личности в Республике Таджикистан: историко-правовое исследование" бо ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат дар Донишгоҳи Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Руссия ба номи В.Я. Кикотяи шаҳри Маскав бомуваффақият ҳимоя намудааст. Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2019 таҳти №2, бо унвони илмии "ДОТСЕНТ" аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ мушарраф гардидааст.

Сардори шуъбаи адъюнктура Самиев Н.М. рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Тафтиши ҷиноятҳои нокушодаи солҳои пешин (дар асоси маводҳои ҶТ ва ФР)" соли 2017 ҳимоя намудааст. Муаллифи зиёда аз 40 кори илмӣ-методӣ мебошад.

Рустамзода А. Қ. - сардори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Фаъолияти роҳбари мақомоти ҳудудии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ ва ҷиноят дар байни ҳайати шахсӣ" ҳимоя намудааст.

Собиқ муовини сардори факултети №2 Бухоризода Б.Р. соли 2018 тадқиқоти диссертатсионии хешро дар мавзӯи "Чораҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии пешгирии савдои одамон (аз рӯи маводҳои ҶТ)" ҳимоя кардааст.

Нурализода С.Ш. - сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД, соли 2018 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Мавқеи маъмурӣ-ҳуқуқии корманди МКД ҶТ (таҳлили муқоисавӣ-таҳлилӣ)" ҳимоя намудааст.

Соли 2019 Заробидинзода С. диссертатсияи номзадии худро дар мавзӯи "Институти доғи судӣ дар қонунгузориҳои ҷиноятии Тоҷикистон ва Руссия" ҳимоя намуда, ҳоло ба ҳайси сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ фаъолият дорад.

Қосимов Ф.М. - сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)" дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ соли 2020 дар ДМТ ҳимоя намуд.

Муовини сардори шуъбаи кадрҳо Азимӣ У.А. соли 2020 дар мавзӯи "Таъминоти кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ" рисолаи номзадии хешро дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар ДМТ ҳимоя кард.

Ҳайдарзода З.П. - сардори кафераи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, рисолаи номзадиашро дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ соли 2019 дар мавзӯи "Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти МКД ҶТ оид ба муқовимат ба савдои одамон" ҳимоя намуд.

Абдулло А. - сардори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, рисолаи номзадии хешро дар риштаи ҳуқуқшиносӣ соли 2020 дар мавзӯи "Системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити шаклдигаркунии ташкили сиёсӣ-ҳуқуқии давлати муосир (дар мисоли ҶТ)" ҳимоя намуд.

Нарзуллозода С.С. бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2014 таҳти №1814 ба ҳайси муаллими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 қабул карда шуда, то инҷониб дар кафедраи номбурда ба сифати муаллим, муаллими калон ва айни ҳол ба ҳайси дотсенти ин кафедра фаъолият дорад. Аз соли 2017 то соли 2022 унвонҷӯи адъюнктураи Академия буда, таҳқиқоти диссертатсиониашро дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт", зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода А.И. аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҳимоя намуд.

Ҳайдарзода М.П. соли 2012 Академияро хатм намуда, аз ҳамон давра то соли 2015 ба ҳайси омӯзгор ва омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 кор кард. Соли 2015 ба шуъбаи адъюнктураи Академия ҳамчун адъюнкт дохил шуда, онро соли 2018 хатм намуд. Аз соли 2018 то инҷониб вазифаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2-ро иҷро намуда истодааст. Дар мавзӯи "Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 25-уми августи соли 2020 тадқиқоти диссертатсиониашро ҳимоя намуд.

*(Давом дорад)*

***Б. Асламов,***
***ходими калони илмии Шуъбаи адъюнктура,***
***полковники милитсия***
***Ф. Таширфзода,***
***муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2,***
***подполковники милитсия***



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
**Шарифзода Ф.Р.** *Сардори Академияи ВКД*
**Насуриён П.А.** *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
**Раҳмадҷонзода Р.Р.** *Муовини сардори Академияи ВКД*
**Ализода А.Ш.** *Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**
*ХАБАРНИГОР-СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**
*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха